# Тақризи

муқаррizи расмӣ ба кори илмии Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ***. Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат дорад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоалӣ пешниҳод мекунад, ки дар шароити ҷомеаи босуръат рушдёбанда дар низоми маориф ва илмӣ ҷумҳурӣ, ки бо навсозии доимии дониш, технология инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва методҳои таълим хос аст, баланд бардоштани малакаю маҳорати омӯзгорони МТМУ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Иттилоотикунонии ҷомеа яке аз мушкилоти калидии ҷаҳони муосир мебошад. Ин ба баландшавии нақши иттилоот ва табдилдиҳии он ба яке аз муҳимтарин қувваҳои пешбаранда дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ алоқаманд аст. Барои ҳамин амалисозии ТИК дар таҳсилот – қадами муҳим дар рушди дунёи иттилоотии муосир мебошад.

Ҷомеаи муосир дар марҳилаи рушди иттилоотӣ қарор дорад. Хусусияти асосии ин марҳила истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир мебошад.

Бо такя ба стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ мешавад, ки то соли 2030 ҷумҳурӣ дар соҳаи иттилоотӣ фаъолона рушд карда, ба як минтақаи рақобатпазир бо потенсиали кофӣ дар сатҳи зиндагӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва имкониятҳо барои амалӣ шудани насли ҷавон табдил меёбад, ки ин ба беҳтар шудани сифати зиндагӣ мусоидат хоҳад кард.

Аз ин лиҳоз дар раванди тавлид ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ арзиши калидиро мушкилотҳои алоқаманди ташкили ҷараёни таълим ба даст мегиранд. Инсон имрӯз на танҳо ба малакаҳои амалӣ ва донишҳои

назариявии нав, балки ба тавоноии беҳсозии доимии ин дониш ва малакаҳо зарурат дорад. Ба ибораи дигар, инсониятро азхудкунӣ ва бо ҳар роҳ рушд додани фарҳанги омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт зарур аст. Таҳсилро дигар набояд ҳамчун расми хос танҳо барои давраи аввали ҳаёти инсон ҳисоб кард.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ба коркард ва асосноккунии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон дар соҳаи информатика ҳангоми истифодаи ТИК асос ёфтааст.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ:

– таҳқиқи хусусиятҳои дидактикии омӯзиши ТИК ва бартариятҳои рушди қобилиятҳои хонандагон дар раванди омӯзиши ТИК;
– дақиққунии муҳтавои мафҳуми «қобилияти ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ» ҳамчун ҷузъи муҳимми салоҳиятнокии фаъолияти хонандагон ҳангоми истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
– таҳлили ҷанбаҳои ҳавасмандкунии омӯзиши ТИК аз мавқеи психологияи педагогӣ, ҳамчунин ҳолати омӯзиши ТИК дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– коркарди рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон дар шароити истифодабарии ТИК дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– таҳияи принсипҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи муҳтавои истифодабарии ТИК дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– санҷиши рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон тавассути истифодабарии ТИК дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосноккунии самарнокии онҳо.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоалӣ дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст. Мо боварӣ дорем, ки асоси ҳаракати касбӣ қобилияти озодона фикр кардан, таҳлил ва арзёбии ҳама гуна ҳолатҳо, рӯйдодҳо, истифодаи иқтидори эҷодии худ барои татбиқи барномаҳои таълимӣ, истифодаи қарорҳои ғайримуқаррарӣ, ғайриоддӣ дар кор, пешгӯии натиҷа, хусусият ва самти ҳама гуна ҳолатҳо, фаъолият дар соҳаи муайяни дониш мебошад.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоалӣ дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи кори илмии хуб ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти

довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ниҳоят мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ менамоем. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра мекарданд: дар асоси ҳамкории бевоситаи амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғ.; дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ, дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо рӯи кор омадаанд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Файзалии Мирзоалӣ, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

1. Бори аввал тасаввурот оид ба омодагии мутахассисони оянда дар соҳаи информатика ҳангоми омӯзиши ТИК ба системаи омузиш имкон медиҳад, моҳияти ин қобилиятҳо ҳамчун хусусияти фаъолияти касбии мутахассис на ба шабеҳсозии утилитарии иттилоот, ки одатан дар амалияи таълимии мавҷуда истифода мешавад, балки ба баландбардории фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон тавассути ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим дар ҷараёни муколамаи интерактивӣ, ки аз ҷониби захираҳои электронии таълимӣ амалӣ карда мешавад, ба вуҷуд оварда шавад.
2. Амсилаи рушди қобилиятҳои нишондодашуда дар шароити низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохтор, дараҷаҳо ва марҳилаҳои рушди омодагиҳо) мушаххас карда шудааст.
3. Истифодаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши ТИК коркард, ҷузъҳои мақсаднокӣ, мухтаво ва протсессуалӣ муайян ва хусусиятҳои онҳо дар ҳар яке аз марҳилаҳои рушди омодагиҳои қайдшуда ошкор карда шуданд.

Нуқтаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти илмӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва мухтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Дар доираи ТИК маҷмуи техникӣ (компютер, дастгоҳҳои канории он, таҷҳизоти интерактивӣ ва таъминоти барномавии махсусгардонишудаи он) ва воситаҳои дидактикиро (захираҳои электронии таълимӣ ва захираҳои шабакаи Интернет), ки эҳёи фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро тавассути ҳамкории иштирокчиёни ҷараёни таълим дар рафти гуфтугӯи интерактивии амалишаванда дар захираҳои электронии таълимӣ аз ҳисоби истифодаи намудҳои гуногуни алоқаи баръакс; имконияти интихоби мустақилонаи масири омӯзиши ҷузъҳои иттилоотии таълимӣ ба хонанда; вақт ва суръати кор, ҳаҷм ва сатҳи мураккабии иттилооти таълимӣ; мустақилона сохтани маводи таълимии эҷодӣ дар раванди табдилдиҳии фаъоли иттилооти таълимӣ мефаҳмем.
2. Қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонанда ҳангоми омӯзиши ТИК ҳамчун яке аз ҳадафҳои афзалиятноки омодакунии ӯ дар МТМУ баррасӣ шуда, худро ҳамчун системаи динамикӣ рушдёбандаи донишҳо, маҳоратҳо, сифатҳо, ангезаҳо ва таҷрибаи махсуси мутахассис муаррифӣ мекунад, ки истифодаи оқилонаи ТИК-ро дар омӯзиши информатика ва хусусиятҳои асосӣ, ки дар амсилаи сохташудаи рушди ҳамин қобилиятҳо кушода мешавад, таъмин мекунад. Сохтори қобилиятҳо чунин таркибҳоро фаро мегирад: маърифатӣ-амалиётӣ (маҳорат оид ба мавқеъ ва нақши интерактив дар ҷараёни таълим, имкониятҳои ТИК дар омӯзиши информатика, вариантҳои амалисозии омӯзиш бо истифодаи ТИК), инструменталӣ-фаъолиятӣ (маҳорат ва малакаҳои кор бо дастгоҳҳои интерактивӣ, таҷрибаи сохтани ТИК, маҳорати алоқамандсозии вазифаҳои касбӣ бо имкониятҳои ТИК, донистани усулҳои ҷустуҷӯи иттилоот бо ёрии ТИК) ва рефлексӣ-эҷодӣ (инъикоси имкониятҳои шахсӣ ва касбии хуб дар соҳаи истифодаи ТИК, тамаркуз ба амалисозии имкониятҳои эҷодии худ).

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда***, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи

методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, унвонҷӯй таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда дар рушди илми педагогика, таъминоти таълимӣ-методии усул; курси муаллифии интихобии «Коркарди захираҳои электронии таълимӣ»; дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ барои хонандагон ва маҷмуаи захираҳои чандрасонаии интерактивӣ оид ба информатика ва ғайраҳо коркард шуданд. Ин таъминоти таълимӣ-методиро омӯзгорон метавонанд дар низоми муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми омодасозии мутахассисон-амалгарониояндаи соҳаи информатика, инчунин шунавандагони системаи такмили ихтисос истифода баранд.

Мухтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 26 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла, 7 номгӯйи онҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 19 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

– мавзуи интихобшуда ба таври талабшаванда таҳқиқ ва коркард нашудааст;
– методикаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси мушкилоти тадқиқот муайян карда шуд, аз норасоии коркардҳои илмӣ-тадқиқотии асосҳои рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ тавассути ТИК дар МТМУ иборат аст;
– аҳамияти методологӣ ва илмию амалии ин мавзуъ дар шароитҳои муосири таҷдиди низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ, компютеркунонӣ ва иттилоотонии ҷомеа мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ: Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори илмӣ солҳои 2019-2023 дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввар, ки Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилот инчунин гузоришҳо дар кафедраҳои ДБССТ, ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, ДДБ ба номи Н.Хусрав ва ДМТ баррасӣ ва тасвиб гардиданд. Татбиқи натиҷаҳои

таҳқиқот дар пойгоҳи МТМУ №21-и ноҳияи Шоҳмансур, МТМУ №78-и ноҳияи Фирдавсӣ ва №100-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе анҷом дода шудаанд, ки самаранокии кори илмило собит менамояд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

*Боби аввал «Асосҳои педагогии омӯзиши ТИК дар таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ»* аз чор фасл иборат аст.

*Фасли якуми боби якум «Хусусиятҳои омӯзиши ТИК дар тадқиқотҳои дидактикии бунёдӣ»* номгузорӣ шудааст.

*Фасли дуюми боби якум «Афзалияти рушди қобилияти хонандагон тавассути ТИК»* номгузорӣ шуда, дар он оид ба инкишофи босуръати ТИК, дастовардҳои назарраси компютерӣ ва барномарезӣ, захираҳои иттилоотӣ дар низоми маориф, марҳилаҳои инкишофи ТИК ва ҳисоббарор маълумот оварда шудааст.

*Фасли сеюми боби якум «Ҷанбаҳои ҳавасмандкунандаи ТИК ва нақши он дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон»* унвон гирифта, дар он нақши омӯзиш ва ташаккули ҳавасмандӣ ба азхудкунӣ, мушкилоти марказии дидактика ва психологияи педагогӣ ҷиҳати тадқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дидактикаи муосир раванди омӯзишро аз ду тараф баррасӣ мекунад: таълимдиҳӣ-фаъолияти омӯзгор ва таълимгирӣ-фаъолияти таълимгиранда.

*Фасли чоруми боби якум «Вазъи омӯзиши ТИК дар МТМУ-и ҶТ (марҳилаи муайян)»* номгузорӣ шудааст. Ташаккул ва рушди ҷузъҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати имзо шудани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» ва марҳила ба марҳила гузаштани давлат ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ имконпазир гардид.

*Боби дуюм «Роҳҳои истифодаи самараноки ТИК ба рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон мусоидаткунанда»* номгузорӣ

шуда, аз чор фасл иборат аст.

*Дар фасли якуми боби дуюм бо номи «Принсип ва меъёрҳои муайнкунандаи мундариҷаи истифодаи ТИК дар МТМУ»*; зикр гардидааст, ки ҳангоми дар раванди омӯзиш ҷорӣ кардани ТИК доимо иқтидори васеъшавандаи зеҳнии ҷомеа, ки дар шакли фонди чопӣ ҷамъоварӣ шудааст, фаъолиятҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва дигар машғулиятҳои аъзои ҷомеаро фаъол гардонида, қобилияти фикрронии таълимгирандагонро рушд медиҳад, малакаи мустақилона аз худ кардани дониш ва фаъолиятҳои таълимӣ-иттилоотӣ ва таҷрибавӣ-тадқиқотиро ташаккул дода, намудҳои гуногуншакли корҳои мустақилона оид ба коркарди иттилооти бадастомада татбиқ карда мешавад.

*Фасли дуюми боби дуюм «Шаклҳои гуногуни истифодаи ТИК дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон»* номгузорӣ шуда, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ-тадқиқотии хонандагон ҳатмӣ ва узви ҷудонашавандаи қисмати муассисаҳои таҳсилоти миёна буда, ба шумори масъалаҳои асосии дар заминаи ягонагии равандҳои таълимӣ дохил мешавад. Дар шароити рушди босуръати ҷаҳонишавии иқтисодиёт, таъсири илм ва техника ба равандҳои ҷаҳонӣ, дар назди МТМУ шадидан мушкилоти бозсозӣ ва мустаҳкамкунии имконниятҳои хонандагонро меомӯзад.

*Фасли сеюми боби дуюм «Самаранокии истифодаи ИКТ дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣи хонандагон»* ном дорад ва муаллиф раванди омӯзиши усулҳои гуногуни ҳамкории муаллиму хонандаро баррасӣ мекунад. Бояд қайд кард, ки интихоби он ё он усул ба як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла: аз хусусиятҳои мавзуи омӯхташаванда; аз мақсадҳои таълим (давраи асосӣ ё баланди дониши); аз имкониятҳо ва афзалиятҳои омӯзгор; аз таркиби хонандагон.

Вазифаи гузоштаи мо муайянкунии тасаввуроти хонандагони МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба малакаҳои ҷустуҷӯӣ-тадқиқотӣ мебошад, то фаҳмем, ки барои хонандагон дар малакаҳои ҷустуҷӯӣ- тадқиқотӣ чӣ чиз муҳим аст.

Тадқиқот бо усули озмоиши озоди ассотсиативӣ гузаронида шуд. Шумораи аксуламалҳо маҳдуд набуданд. Дар синфҳои ҳаштум бо 81-нафар хонанда, дар синфҳои нуҳӯм-даҳум – 120 хонанда ва дар синфҳои 11-ум бо 40 нафар хонанда пурсиш гузаронида шуд. Миқдори умумии мусоҳибон – 322 нафар, миқдори аксуламалҳои бадастомада – 1084-то буд. Натиҷаҳо барои синфҳои 8, 9, 10 ва 11 дар алоҳидагӣ коркард шуданд, то ин ки динамикаи синф ба синфи рушди тасаввуроти хонандагон оид ба маҳоратҳо ва малакаҳои ҷустуҷӯӣ-тадқиқотӣ пайгирӣ карда шаванд.

Ҳангоми коркарди натиҷаҳои озмоиш аксуламалҳо тибқи категорияҳои

маънoии муайянкардаи мо бо параметрҳои инъикоскунандаи ин ё он тасаввуроти хонандагон оид ба паҳлуҳои маҳоратҳо ва малакаҳои тадқиқотӣ тақсимбандӣ карда шуданд.

Ҳангоми муайянкунии мафҳумҳо ва тафсири ҷустуҷӯӣ-эҷодкоронаи муҳтавои онҳо аз ҷониби хонандагон маълум гардид, ки мафҳумҳое, ба мисли «Интернет» (99%), «иттилоотикунонии ҷомеа» (78%), «иттилоотикунонии таҳсилот» (75%), «технологияҳои иттилоотӣ» (80%), «шабакаи компютерӣ» (86%), «шабакаи локалӣ» (76%) қариб барои ҳар як хонанда аз ҳама маълумтарин мебошанд.

Диссертатсия тибқи муқарраротӣ Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассисе, ки солҳои зиёд дар соҳаи маориф ва илми кишвар кору фаъолияти муназзам намудааст ва донандаи хуби кадрҳои ҷавони соҳаи маориф ва илм мебошад, худро муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Файзалии Мирзоалиро кори илмии баанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз он ҷумла:

1. Номи мавзуи кори илмӣ, ки «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ТИК» номгузори шудааст каме таҳлил мехоҳад яъне дар мавзуъ якчанд мафҳумҳои муҳими илмиро дидан мумкин аст «асосҳои педагогӣ», «қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ», «муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ва «ТИК» ин метавонад мавзуи илмиро хеле васеъ ва норавшан гардонад. Хуб мешуд мафҳумҳоро маҳдуд ё дақиқтар менамудед, масалан: «Рушди қобилияти ҷустуҷӯии хонандагон дар зинаи болоии таҳсилот тавассути ТИК».
2. Хуб мешуд қобилиятҳои «ҷустуҷӯӣ» ва «эҷодӣ» ин ду мафҳуми гуногунанд ва усулҳои омӯзиши онҳо фарқи калон дорад, аз ин лиҳоз мафҳумҳоро якҷоя бо асоснок кардани робитаи онҳо истифода

мебурдед, ё яке аз онҳоро интихоб мекардед ва ин қобилиятҳо дар дохили кори илмӣ кам ба мушоҳида мерасад саҳифаҳои 115, 119, 125.

3. Мавқеи ТИК дар ин раванд диқиқ муайян нашудааст – он восита аст, муҳтавост, ё муҳити омӯзиш дар дохили кори илмӣ мушаххас нишон дода нашудааст. Хуб мебуд, ки ТИК дар кадом самт истифода мешавад – мисли платформаҳои таълимӣ-онлайнӣ, бозиҳои таълимӣ-компютерӣ, озмоишгоҳи виртуалӣ ё интерактивӣ ва ғайра.
4. Таносуби байни ҳадаф ва методҳо равшан нест: Гуфта мешавад, ки ҳадаф рушди қобилиятҳо тавассути ТИК аст, аммо таҳлил карда нашудааст, ки кадом ҷанбаҳои ТИК фаъолияти таълимӣ ва кадом стратегияи технологияҳои педагогиро амали намудааст. Усулҳои коркарди маълумот, воситаҳои таҷрибавӣ ва шаклҳои таҳлил номаълум боқӣ мондааст саҳифаҳои 120-127.
5. Ба ақидаи унвонҷӯ дар яке аз бандҳои навгониҳои илмии таҳқиқот чунин омадааст: «– Амсилаи рушди қобилиятҳои нишондодашуда дар шароити низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохтор, дараҷаҳо ва марҳилаҳои рушди омодагиҳо) мушаххас карда шудааст». Барои амалӣ намудани ин банд, дар раванди таҳсилот кадом масъалаҳо бештар барои амалӣ гардидани он мусоидат менамояд.
6. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлой, техникӣ ва грамматикиро дидан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамояд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба арзиши илмиву амалии диссертасия ягон таъсир намерасонанд.

## Хулосаи ҷамъбастӣ

1. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ худ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.
3. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ, ки дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда,

муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент мудири кафедраи технологияи рақамӣ
ва амнияти киберии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Файзализода Баҳрулло Файзалӣ

«____»_________.2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22. E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ф.З. Зоирхонзода

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) (37) 224-17-86; 224-17-86. E-mail: info@apa.tj